**Маълумоти**
**мухтасар оид ба фаъолияти Кумита**
**дар нимсолаи якуми соли 2023**

Кумита фаъолияти худро дар нимсолаи якуми соли 2023 дар доираи сиёсати пешгирифтаи роҳбарияти давлату Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, тибқи қонунгузории амалкунанда ба роҳ монда, дар нимсолаи якуми соли 2023 ба натиҷаҳои назаррас ноил гашт.

Дар нимсолаи аввали соли ҷорӣ бо пешниҳоди Кумита 7 қарору фармоишҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гаштанд.

Кумита ҷиҳати дар амал татбиқ намудани қатъномаи Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид дар бораи эълон гаштани соли 2025 «Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо» лоиҳаи қарори дахлдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро вобаста ба амалигардонии қатъномаи мазкур бо замимаи ҳайати Кумитаи тадорукот ва Нақшаи чорабиниҳо таҳия намуда, баъд аз мувофиқа бо вазорату идораҳо барои баррасӣ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намуд.

Яке аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти Кумита ин пешбурди сиёсати давлатии экологӣ ва таъмини иҷрои стратегия ва барномаҳои давлатию соҳавӣ мебошад.

Дар доираи «Стратегияи миллии мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлими Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» мутобиқи моддаҳои 4.1 ва 12.1 Конвенсияи СММ оид ба тағйирёбии иқлим таҳияи Гузориши панҷуми миллӣ оид ба тағйирёбии иқлим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон оғоз гардидааст. Инчунин, 26 майи соли 2023 ҷаласаи якуми Гурӯҳи кории байниидоравии техникӣ доир ба таҳияи Нақшаи миллии

мутобиқшавӣ ҷиҳати татбиқи Стратегия доир гашта, лоиҳаи Нақшаи миллии мутобиқшавӣ таҳия гардид.

Бо мақсади татбиқи «Барномаи давлатии омӯзиш ва ҳифзи пиряххои Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2030» 2 апрели соли 2023 ҷиҳати муайян намудани захираи барф мушоҳидаҳои аэровизуалӣ дар ҳавзаҳои дарёҳои Қизилсу, Ёхсу, Обихингоб, Сурхоб, Камароб ва минтақаи Канаски ҳавзаи дарёи Кофарниҳон ба анҷом расонида шуданд. Мушоҳидаҳо нишон доданд, ки захираи барф дар ҳавзаҳои дарёҳои мазкур 98%-и меъёри бисёрсоларо ташкил медиҳад, ки ин нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 3% зиёд мебошад. Ҳамзамон, мутахассисон дар ҳавзаи дигар дарёҳо корҳои барфченкуниро бо усули пиёда ба анҷом расониданд.

Тибқи банди 6.4. Барномаи «Баланд бардоштани сатҳи огоҳии аҳолӣ барои мутобиқгардонӣ дар шароити тағйирёбии иқлим» мутахассисони соҳавӣ хатари фаромадани тармаро пешгӯӣ намуданд, ки дурустии пешгӯиҳо дар давоми моҳҳои январ, феврал ва марти соли ҷорӣ аз 90 то 100% рост омад.

Таҳлили рафти татбиқи Барнома нишон медиҳад, ки чорабиниҳои то соли 2030 банақшагирифташуда дар маҷмӯъ 74,46% иҷро шудаанд.

Ҷиҳати амалишавии «Барномаи давлатии маҷмӯии рушди тарбия ва маърифати экологии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» фармоишҳои раиси Кумитаи ҳифзи муҳити зист доир ба баргузории озмунҳо байни хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар мавзуи «Ҳифзи пиряххои Тоҷикистон – омили сабзу хуррамгардонии шаҳру деҳоти кишвар» ва байни кормандони воситаи ахбори омма дар мавзуи «Лозарҳои Тоҷикистон – манбаи обҳои зулол ва асоси рушди иктисоди «сабз» ба тасвиб расида, озмуни

мактаббачагон моҳи июн дар доираи ҷашни Рӯзи умумиҷаҳонии муҳити зист ҷамъбаст гардида, ғолибон бо диплому ифтихорномаҳо ва мукофотҳои пулӣ сарфароз гардонида шуданд. Инчунин, тибқи банди 61 Барнома маҳфили рӯзноманигорон дар назди Кумита барои соли 2023 ташкил ва нақшаи чорабиниҳо тасдиқ карда шуд. Тибқи нақшаи мазкур сафари аъзоёни маҳфили мазкур 27 майи соли 2023 ба Боғи табиии таърихии «Ширкент» дар шаҳри Турсунзода гузаронида шуд. Вобаста ба банди 24 нақшаи Барнома аз ҳисоби Кумита ба муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ҷумҳурӣ ба миқдори 1064 адад Китоби сурхи Ҷумҳурии Тоҷикистон дастрас карда шуд.

Бо мақсади иҷрои бандҳои дахлдори «Барномаи давлатии рушди минбаъдаи мамнуъгоҳи табиии давлатии «Дашти Ҷум» барои солҳои 2021-2025» чорҳои мушаххас андешида шуда, иҷрои 7 банд, ки мӯҳлати иҷрои онҳо солҳои 2021-2022 ва 2021-2023 муқаррар гардидааст, таъмин гардид. Таҳлили рафти татбиқи Барнома нишон медиҳад, ки иҷрои чорабиниҳои то соли 2025 банақшагирифташуда дар маҷмӯъ 22%-ро ташкил медиҳад.

Вохӯриҳои роҳбарияти Кумита, ҷиҳати рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ, бо як қатор намояндагиҳои дипломатӣ ва ташкилотҳои байналмилалии муқими кишвар баргузор карда шуд, ки дар онҳо масъалаҳои ҷорӣ ва таҳкими фаъолиятҳои минбаъда мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Самти дигари муҳими фаъолияти Кумита ин пешбурди назорати давлатӣ ва татбиқи қонунгузории соҳаи ҳифзи муҳити зист мебошад. Бо мақсади пешгирии қонунвайронкунӣ дар ин давра 560 санҷишҳои нақшавӣ, инчунин 8 304

амалиётҳои назоратӣ ва санҷишҳои фаврии муштарак гузаронида шуд.

Дар давоми нимсола дар 288 иншоот ченкуниҳои инструменталӣ ва ташхисҳои лаборатории мониторинги экологӣ гузаронида шуданд. Аз ҷумла, дар самти назорати таҳлили ихроҷи моддаҳои заҳрнок ба ҳавои атмосфера дар 84 иншооти фаъолияти хоҷагидорӣ ченкуниҳои инструменталӣ гузаронида шуда, протоколҳои ташхисӣ тартиб дода шуданд. Инчунин, дар самти назорати таҳлилии таъсири партовҳо ба манбаъҳои обӣ дар 133 иншоот ташхис гузаронида шуд. Дар самти таҳлилии шӯршавии замин ва таъсири заҳрхимикатҳо бошад 68 намунаҳо гирифта шуда, ташхис гузаронида шуд.

Бо мақсади тозаю озода нигоҳ доштани манбаъҳои обӣ ва татбиқи Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028», тибқи фармоишҳои Кумита 744 маротиба аксияи «Тозагии соҳил» 736 маротиба аксияи «Тозагии маҳал» ва 500 аксияи «Тозагии шоҳроҳ» дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ гузаронида шуд.

Тибқи маълумоти расмӣ дар мавсими ниҳолшинонӣ ва кабудизоркунии тирамоҳи соли 2022 ва баҳори соли 2023 дар ҷумҳурӣ 1 722 190 бех ниҳолҳои дарахтони ҳамешасабзи ороишиву мевадиҳанда шинонида шудааст, ки 102% нақшаро ташкил медиҳад.

Аз ҳисоби Кумита ва мақомоти зерсохтори он дар маҳалу ҷойҳо, ба миқдори 16 754 бех ниҳолҳои дарахтони ороишӣ, сояафкан ва мевадиҳанда, инчунин 179 020 бех гулу буттаҳои мавсимӣ дар ҳудуди шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ шинонида шуд.

Дар давраи сармои моҳҳои январ ва феврали соли 2023 аз ҷониби мақомоти зертобеи Кумита мунтазам тадбирҳои

биотехникӣ гузаронида шуд. Аз ҷумла, дар сохторҳои низоми ҳудудҳои табиии махсус муҳофизатшаванда ба миқдори 39,6 тонна ва аз ҳисоби мақомоти маҳалии ҳифзи муҳити зист дар шаҳру ноҳияҳо ба миқдори 172,4 тонна маводи ғизо дар мавзеҳои маскуни ҳайвонот ва парандагон ҷойгир карда шуд.

Бо мақсади омода намудани шабакаҳои давлатии обуҳавосанҷӣ ба фасли зимистон аз ҳисоби Кумита 30 тонна ангиштсанг дар анбори Агентии обуҳавошиносӣ захира карда шуд.

Дар доираи татбиқи лоиҳаҳо 5 дидбонгоҳи обченкунии Агентии обуҳавошиносӣ пурра таъмир гардида, бо таҷҳизоти худкор таҷҳизонида шуданд. Корҳо вобаста ба муайян намудани заминҳо оид ба бунёди ҷангал дар майдони 3900 га, худбарқарорсозии ҷангал дар майдони 8000 га ва барқарорсозии чарогоҳҳо оғоз гардиданд. Ҳамзамон, сохтмони анбори нигаҳдории муваққатии пестисидҳо дар партовгоҳи заҳрхимикатҳои ноҳияи Вахш анҷом ёфта, моҳи апрели соли ҷорӣ расман ба истифода дода шуд.

Дар самти обуҳавошиносӣ айни замон 54 адад стансияҳо ва 98 адад дидбонгоҳи обченкунӣ фаъол мебошанд. Дар ин давра 180 пешгӯиҳои якшабонарӯзӣ бо дурустии 93% ва 120 пешгӯиҳои 2-5 шабонарӯзӣ бо дурустии 93% тартиб дода шуданд, ки нисбати ҳамин давраи соли гузашта мутаносибан 3% ва 4% зиёд мебошад. Оид ба якбора баландшавии сатҳи оби дарёҳои ҷумҳурӣ ва эҳтимолияти бавуҷудоии обхезӣ 12 маротиба огоҳӣ дода шуд, ки дурустии онҳо 92%-ро ташкил дода, дар муқоиса бо ҳамин давраи соли гузашта 2% зиёд мебошад.

Дар давоми нимсола оид ба сар задани зуҳуроти тарма 19 пешгӯӣ бо давомнокии 57 шабонарӯз пешниҳод шудааст, ки

дар ин муддат 314 тарма ба қайд гирифта шуд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки нисбат ба соли гузашта 48 ҳолати зуҳуроти тарма зиёд ба қайд гирифта шуд. Инчунин, 11 пешгӯӣ бо давомнокии 29 шабонарӯз оид ба зуҳуроти сел дар минтақаҳои кӯҳӣ ва доманакӯҳии ҷумҳурӣ пешниҳод гардида, дар натиҷа 22 ҳолати сар задани зуҳуроти сел ба қайд гирифта шуд, ки нисбати ҳамин давраи соли гузашта 8 ҳолати сар задани зуҳуроти сел камтар ба қайд гирифта шудааст.

Барои аз зуҳуроти номатлуби табиӣ эмин нигоҳ доштани соҳаҳо 73 огоҳӣ (шабонарӯз) дар бораи ҳодисаҳои боришоти шиддатнок, вазиши шамол, боридани жола, борон, барф, бавуҷудоии раъду барқ, баландшавии ҳарорати ҳаво, ифлосшаии ҳавои атмосфера ва бадшавии дурии биниш дар минтақаҳои гуногуни кишвар ва ғайраҳо тариқи бюллетенҳои ҳаррӯзаи обуҳавошиносӣ ва сомонаи расмии Агентии обуҳавошиносӣ ба аҳолӣ пешниҳод гардид.

Кумита вобаста ба таҳия Китоби сурхи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо олимони Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон рӯйхати намудҳои нодири растаниҳо ва ҳайвонотро омода намуда истода, дар назар аст, ки ба нашри нави Китоби сурхи Тоҷикистон зиёда аз 50 намудҳои нави набототу ҳайвонот ворид карда мешавад.

Яке аз самтҳои асосии фаъолияти Кумита ин гузаронидани корҳои таблиғотӣ ва ташвиқотӣ мебошад.

Зимни фаъолияти воҳидҳои сохтории Кумита тариқи шабакаҳои телевизионии ҷумҳуриявӣ, вилоятӣ ва шаҳрӣ 799 ва радио 460 маротиба гузоришу барномаҳо пахш шуданд. Дар рӯзномаҳо бошад, 414 адад мақолаҳо доир ба масъалаҳои экологӣ чоп гардид. Байни табақаҳои гуногуни аҳолӣ, аз ҷумла ташкилоту корхонаҳо, истифодабарандагони табиат,

муассисаҳои таҳсилоти ибтидоию миёна ва олӣ 130 маротиба семинару конфронсҳо ва 3811 адад суҳбату вохӯриҳо гузаронида шуданд.

Тавассути сомонаи расмии Кумита дар ин давра 310 маводи иттилоотӣ бо забонҳои давлатӣ, русӣ ва англисӣ оид ба вохӯриҳои роҳбарияти Кумита бо намояндагони ташкилотҳои байналмилалӣ, чорабиниҳои мақомоти ҳифзи муҳити зист дар ҷойҳо, дигар чорабиниҳои марбут ба соҳа ҷойгир шуд. Ҳамзамон, аксарияти чорабиниҳои мазкур дар сомонаҳои иҷтимоии Facebook, YouTube ва Твиттер мунтазам ҷойгир карда шуданд. Саҳифаи Facebook-и Кумита 9819 обуначӣ дошта, дар ин давра 7743 нафар тугмаи писандро пахш намуданд, ҳамзамон, 401 900 нафар ба ин саҳифа ворид гаштанд. Алоқамандони саҳифаи Facebook-и Кумитаро 70% мардон ва 30% занон ташкил медиҳанд.

Дар ин давра 5 шумораи нашрияи «Инсон ва табиат» мувофиқ ба санаҳои муҳими экологӣ чоп гашта, дастраси алоқамандон гардонида шуд.

Кумита дар нимсолаи дуюми соли ҷорӣ барои пурзӯр намудани назорати давлатии ҳифзи муҳити зист, риояи ҳатмии қонунгузории амалкунанда, иҷрои дастуру супоришҳои давлатию ҳукуматӣ оид ба сазовор истиқбол намудани Ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тамоми имкониятҳои мавҷуда истифода хоҳад бурд.

# БАРОИ ҚАЙДҲО